# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ДАР БОРАИ ФАЪОЛИЯТИ НОШИРӢ ВА ПОЛИГРАФӢ

(Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2016, №7, мод. 607)

Қонуни мазкур принсипҳои асосии сиёсати давлатӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъектҳои фаъолияти ноширӣ ва полиграфиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда, ба танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи мазкур равона карда шудааст.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- **ношир (муассисаи нашриявӣ, нашриёт)** – шахсе, ки интишори маҳсулоти чопиро амалӣ мегардонад, аз ҷумла ҷиҳатҳои ташкилӣ, молиявӣ, техникӣ, технологӣ ва таъминоти дигари интишори онро ба уҳда дорад;
- **худношир -** шахси воқеӣ, ки дастнависи маҳсулоти чопиро таҳия ва таҳрир намуда, аз ҳисоби маблағҳои шахсӣ ба чоп месупорад;
- **муаллиф** – шахси воқеӣ, ки асар дар натиҷаи меҳнати эҷодии ӯ офарида шудааст;
- **корхонаи полиграфӣ** (**матбаа, истеҳсолкунандаи маҳсулоти чопӣ)** -шахси ҳуқуқӣ, ки теъдоди муайяни маҳсулоти чопиро истеҳсол менамояд;
- **маҳсулоти чопӣ**– китоб, брошура, албом, матбуоти даврӣ, плакат, буклет ва маҳсулоти дигари корхонаи полиграфӣ, новобаста аз адади чоп ва тарзи истеҳсоли он;
- **маводи нашрӣ** – маҷмӯи маълумот (нусхаи асли дастнавис, мақола, тақриз, шарҳи мухтасар, сарсухан, ҷадвал, тасвир, акс, диаграмма), ки барои таҳияи дастнависи маҳсулоти чопӣ истифода мешавад;
- **фаъолияти ноширӣ** – фаъолият вобаста ба омодасозии дастнависи маҳсулоти чопӣ барои чоп;
- **фаъолияти полиграфӣ**– фаъолият вобаста ба истеҳсоли маҳсулоти чопӣ;
- **фармоишгари маҳсулоти чопӣ** – шахси воқеӣ ва ё ҳуқуқӣ, ки ҳуҷҷатгузории фармоиши маҳсулоти чопиро ба расмият даровларда,

хароҷоти молиявии онро ба зимма мегирад ва соҳиби маҳсулот мегардад;
- **фурӯшандаи маҳсулоти чопӣ** – шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, ки ба фурӯши маҳсулоти чопӣ машғул мебошанд;
- **матбуоти даврӣ**– рӯзномаву ҳафтаномаҳо, маҷаллаҳо, моҳнома, солнома ва маҷмӯаву буллетенҳое, ки номи доимӣ ва рақами ҷорӣ дошта, дар вақту замони муайян (на камтар аз як маротиба дар як сол) ба чопмерасанд;
- **сензура** – аз ҷониби мақомоти давлатӣ ё шахсони мансабдори онҳо, дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон, аз ношир ё корхонаи полиграфӣ талаб намудани мувофиқаи пешакии маводи нашрӣ.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фаъолияти наширӣ ва полиграфӣ**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фаъолияти наширӣ ва полиграфӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

**Моддаи 3. Мақсади фаъолияти наширӣ ва полиграфӣ**

Мақсади фаъолияти наширӣ ва полиграфӣ:
**-** қонеъ намудани талаботи маънавии шахс, ҷомеа ва давлат;
- мусоидат намудан ба рушди фарҳанги миллӣ бо роҳи афзоиши номгӯй, адади нашр ва ҳаҷми маҳсулоти чопӣ;
- баланд бардоштани сатҳи фарҳангии аҳли ҷомеа тариқи дастрасӣ ба маҳсулоти чопӣ, муаррифии арзишҳои башардӯстӣ, дар асл ва тарҷума чоп кардани асарҳои машҳури адабиёти миллӣ ва ҷаҳонӣ;
- фароҳамсозии имконот барои худифодасозӣ ҳамчун муаллиф, сарфи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк.

**Моддаи 4. Принсипҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи фаъолияти наширӣ ва полиграфӣ**

Принсипҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи фаъолияти наширӣ ва полиграфӣ фароҳам овардани шароити баробар ва бозори рақобатпазир ҷиҳати рушди соҳибкорӣ дар соҳа ва мусоидат ба пешрафти он мебошад.

**Моддаи 5. Озодии фаъолияти ноширӣ ва полиграфӣ**

1. Фаъолияти ноширӣ ва полиграфӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон озод буда, муассисаҳои нашриявӣ, корхонаҳои полиграфӣ ва фурӯшандагони маҳсулоти чопӣ дар муайян кардани самти фаъолият, доираи мавзӯъ, интихоби муаллифон, адади нашр, нархи маҳсулоти чопӣ ва тахфифи он, муқаррар намудани шаклҳои робита бо якдигар ва бо дигар ташкилоту корхонаҳо мустақил мебошанд.

2. Ба сензураи дастнависи маҳсулоти ба чоп омодашуда ва инҳисор дар фаъолияти ноширӣ ва полиграфӣ роҳ дода намешавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст.

3. Ҳеҷ шахс ҳуқуқ надорад, ки нашир, корхонаи полиграфӣ ва фурӯшандаи маҳсулоти чопиро вазифадор намояд, ки маҳсулоти чопӣ ва маводи дигари қаблан радкардаи онҳоро чоп намояд ва ба фурӯш барорад, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Моддаи 6. Маводи нашрие, ки чоп, фурӯш ва паҳнкунии онҳо манъ аст**

1. Чоп, фурӯш ва паҳнкунии маҳсулоти чопии дорои сирри давлатӣ ё сирри дигари бо қонун ҳифзшаванда, ахборе, ки барои бо зӯрӣ сарнагун сохтан ё тағйир додани сохтори конститутсионӣ, ба содир намудани ҷиноят, барангехтани кинаю адовати нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ, динӣ, забонӣ, ташвиқоти ҷанг, зулму зӯроварӣ, фаъолияти террористӣ ва экстремистӣ, халалдор кардани тамомияти арзӣ ва мустақилияти давлат даъват мекунад, инчунин мавод ё предметҳои порнографиро таблиғ ва ташвиқ мекунад, манъ аст.

2. Чоп, фурӯш ва паҳнкунии маводи нашрӣ ва маҳсулоти чопии дорои маълумоти бардурӯғ ё туҳматомезу иғвоангез, ки шаъну эътибори шахсони воқеӣ, мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар ташкилотҳоро паст мезананд, ба ҳаёти шахсии шахсони воқеӣ дахолат мекунанд, манъ аст.

**Моддаи 7. Истеҳсол намудани ҳуҷҷатҳо ва варақаҳои баҳисобгирию ҳисоботии қатъӣ**

Истеҳсоли ҳуҷҷатҳо ва варақаҳои баҳисобгирию ҳисоботии қатъӣ, субъектҳои ба чопрасонандаи ин гуна маҳсулоти чопӣ ва паҳн намудани онҳо бо тартиби мақаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 8. Ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ**
Ношир ва корхонаи полиграфӣ ҳангоми истифодаи маводи нашрӣ уҳдадоранд муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳниро, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, риоя намоянд.

**Моддаи 9. Маълумотномаи маҳсулоти чопӣ**
1. Нусхаи китоби чопшуда бояд маълумоти зеринро дошта бошад:
- номи китоб (асосӣ, қиёсӣ, аслӣ, алтернативӣ);
- ном ва суроғаи ҳуқуқии ношир, нашриёт;
- макон ва соли чопи китоб;
- ному суроғаи ҳуқуқии корхонаи полиграфӣ;
- рақами фармоиш ва адади чоп;
- индексҳои таснифотӣ, таснифоти фаъолияти универсалии рақами байналмилалии стандартии китоб;
- нарх ё ишораи «нархи озод» ё «ройгон».
2. Нусхаи маҳсулоти чопӣ бояд дорои маълумоти зерин бошад:
- ном ва суроғаи ҳуқуқии ношир, нашриёт;
- макон ва соли чоп;
- ном ва суроғаи ҳуқуқии корхонаи полиграфӣ, санаи ба қайд гирифта шудан ва рақами он;
- рақами фармоиш ва адади чоп.

**Моддаи 10. Субъектҳои фаъолиятиноширї ва полиграфї**
1. Субъектҳои фаъолияти ноширӣ ва полиграфӣ ношир, корхонаи полиграфӣ ва фурӯшандаи маҳсулоти чопӣ мебошанд.
2. Муносибатҳо байни субъектҳои фаъолияти ноширӣ ва полиграфӣ, ҳамчунин муносибатҳои онҳо бо дигар субъектҳои фаъолият дар асоси оиннома ва шартнома (созишнома)-и тибқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон басташуда, танзим мешаванд.

**Моддаи 11. Фаъолияти худноширї**
Шахсони воқеӣ ҳуқуқ доранд, ки дастнавис ва ё маводи дигари худро, дар таҳрири бевоситаи худ ва аз ҳисоби маблағи шахсӣ чоп намоянд, агар муҳтавои он хилофи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон набошад.

## БОБИ 2. ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ НОШИРӢ ВА ПОЛИГРАФӢ

**Моддаи 12. Таъсиси муассисаи нашриявӣ, корхонаи полиграфӣ ва фурӯши маҳсулоти чопӣ**

1. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳуқуқ доранд бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаи нашриявӣ, корхонаи полиграфӣ ва фурӯши маҳсулоти чопӣ таъсис диҳанд.
2. Ба таъсиси муассисаи нашриявӣ, корхонаи полиграфӣ ва фурӯши маҳсулоти чопӣ ҳуқуқ надоранд:
- шахсони то ҳаждаҳсола ва шахсоне, ки бо ҳукми суд ҷазоро дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ дар муассисаҳои ислоҳӣ адо мекунанд ё аз ҳуқуқи машғул шудан бо фаъолияти мазкур маҳрум гаштаанд, ё бо ҳалномаи суд ғайри қобили амал ё қобилияти амалашон маҳдуд эътироф карда шудаанд;
- ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳо ва шахсони ҳуқуқие, ки фаъолияташон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдуд ва ё манъ карда шудааст.

**Моддаи 13. Мақоми идоракунии фаъолияти муассисаи нашриявӣ, корхонаи полиграфӣ ва фурӯши маҳсулоти чопӣ**

1. Мақоми идоракунии фаъолияти муассисаи нашриявӣ, корхонаи полиграфӣ ва фурӯшимаҳсулоти чопӣ муассисони онҳо мебошанд.
2. Муассис самтҳои фаъолияти муассисаи нашриявӣ, корхонаи полиграфӣ ва фурӯшимаҳсулоти чопиро муайян ва оинномаи онҳоро тасдиқ мекунад.
3. Муассис ҳуқуқ дорад ҳамчун ношир, истеҳсолкунанда ва фурӯшандаи маҳсулоти чопӣ амал намояд.
4. Муассис вазифадор аст:
- барои фаъолияти муътадили муассисаи нашриявӣ, корхонаи полиграфӣ ва фурӯши маҳсулоти чопӣ шароит муҳайё созад;
- барнома ва самтҳои асосии фаъолияти муассисаи нашриявӣ, корхонаи полиграфӣ ва фурӯши маҳсулоти чопиро муайян намояд;
- бо роҳбарияти муассисаи нашриявӣ, корхонаи полиграфӣ ва фурӯши маҳсулоти чопии таъсисдодааш шартнома бандад;
- талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқиеро, ки фаъолияти соҳаро танзим менамоянд, риоя намояд;
- бо тартиби муқаррарнамудаи мақомоти ваколатдори давлатӣ ҳисобот ва маълумотро оид ба фаъолияти худ пешниҳод намояд.

**Моддаи 14. Бақайдгирии давлатии ношир, корхонаи полиграфӣ ва фурӯшандаи маҳсулоти чопӣ**

1. Бақайдгирии давлатии ношир, корхонаи полиграфӣ ва фурӯшандаи маҳсулоти чопӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» амалӣ мегардад.

2. Мақомоти давлатӣ, судӣ, прокуратура, муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ ҳуқуқ доранд маводҳои расмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, маводи таъиноти истифодаи хизматиро бе қайди давлатӣ чоп намоянд.

3. Қатъ гардидани фаъолиятиноширӣ ва полиграфӣ мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

**Моддаи 15. Баҳисобгирии давлатии фаъолияти ноширӣ, корхонаи полиграфӣ ва пешбурди Феҳристи ягонаи давлатӣ**

Баҳисобгирии давлатии фаъолияти ноширӣ, корхонаи полиграфӣ ва пешбурди Феҳристи ягонаи давлатӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи фарҳанг амалӣ карда мешавад.

## БОБИ 3. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИИ НОШИР, КОРХОНАИ ПОЛИГРАФӢ ВА ФУРӮШАНДАИ МАҲСУЛОТИ ЧОПӢ

**Моддаи 16. Ҳуқуқҳои ношир, корхонаи полиграфӣ ва фурӯшандаи маҳсулоти чопӣ**

1. Ношир ва корхонаи полиграфӣ ҳуқуқ доранд:

- нақшаи чопи маҳсулоти чопиро мустақилона таҳия ва тасдиқ намоянд;
- барои омодасозии маҳсулоти чопӣ ба чоп ва фурӯши он аз мақомоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, ташкилотҳо ва шахсони воқеӣ фармоиш қабул намоянд;
- дар хусуси истифода ва чопи асарҳои муаллифони ватанӣ дар хориҷа ва асарҳои муаллифони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ шартномаҳо банданд;
- аз муаллиф ва ё вориси ӯ дар мавриди чопи асарҳояш ҳуқуқ ва ваколатҳои дахлдор ба даст оранд;
- асарҳои илмӣ, бадеӣ ва санъатро дар мувофиқа бо муаллиф барои дарёфти мукофотҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва байналмилалӣ пешниҳод намоянд;

- дар чорабиниҳои байналмилалии нашриявӣ иштирок карда, маҳсулоти чопии худро дар мувофиқа бо муаллиф ба намоишгоҳҳо, озмунҳои миллӣ ва байналмилалӣ пешниҳод намоянд.
2. Фурӯшандаи маҳсулоти чопӣ ҳуқуқ дорад аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ маҳсулоти чопиро барои фурӯш қабул намояд ва бо онҳо шартнома бандад.

**Моддаи 17. Ӯҳдадориҳои ношир, корхонаи полиграфӣ ва фурӯшандаи маҳсулоти чопӣ**

1. Ношир ӯҳдадор аст:
- фаъолиятро танҳо дар асоси бақайдгирӣ ва баҳисобгирии давлатӣ ба роҳ монад;
- маҳсулоти чопиро мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ ва миллӣ ба чоп таҳия созад;
- ба воқеият ҷавобгӯ ва ба муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ будани муҳтавои маҳсулоти чопиро риоя намояд;
- талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқиеро, ки фаъолияти соҳаро танзим менамоянд, риоя намояд;
- дастнависи маҳсулоти чопиро ҳатман бо рамзи (грифи) ношир, маълумоти чопӣ ва бо рақами стандарти байналмилалии китоб ба чоп пешниҳод намояд;
- дастнависи маҳсулоти чопии дорои моҳияти илмӣ, таълимӣ ва диниро танҳо пас аз гирифтани тавсиянома ва иҷозати расмии мақомоти ваколатдори давлатӣ ба чоп омода созад.

2. Корхонаи полиграфӣ ӯҳдадор аст:
- фаъолиятро танҳо дар асоси бақайдгирӣ ва баҳисобгирии давлатӣ ба роҳ монад;
- маҳсулоти чопиро мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ ва миллӣ чоп намояд;
- талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқиеро, ки фаъолияти соҳаро танзим менамоянд, риоя намояд;
- маҳсулоти чопиро ҳатман бо розигии ношир, фармоишгари маҳсулоти чопӣ ҳамчунин бо рамзи (грифи) ношир ва маълумотномаи маҳсулоти чопӣ чоп намояд;
- бо тавсия ва ё иҷозати расмии мақомоти ваколатдори давлатӣ маҳсулоти чопии дорои моҳияти илмӣ, таълимӣ ва диниро чоп намояд;
- бо иҷозати муаллиф (мураттиб) ва ношир, нусхаи аслии маводи нашриро пурра ё қисман чоп ё нусхабардорӣ намояд;

- нусхаҳои ҳатмии маҳсулоти чопиро ба мақомот ва ташкилотҳои дахлдори давлатӣ, ки номгӯйи онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд, саривақт ва ройгон дастрас намояд.
3. Фурӯшандаи маҳсулоти чопӣ уҳдадор аст, ки маҳсулоти чопиеро, ки дар он муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, талаботи стандартҳои байналмилалӣ, миллӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ риоя нашудаанд, бе рамзи (грифи) ношир, маълумотномаи маҳсулоти чопӣ ба чоп расидаанд, инчунин бар хилофи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид шудаанд, ба фурӯш набарорад.

## БОБИ 4. ҲАМКОРИИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ МУАССИСАИ НАШРИЯВӢ, КОРХОНАИ ПОЛИГРАФӢ ВА ФУРӮШИ МАҲСУЛОТИ ЧОПӢ

### Моддаи 18. Ҳамкориҳои байналмилалӣ

1. Ҳамкориҳои байналмилалии муассисаи нашриявӣ, корхонаи полиграфӣ ва фурӯши маҳсулоти чопӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, амалӣ карда мешаванд.
2. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар якҷоягӣ бо сармоягузорони хориҷӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд муассисаи нашриявӣ, корхонаи полиграфӣ ва фурӯши маҳсулоти чопӣ таъсис диҳанд.

### Моддаи 19. Содирот ва воридоти маҳсулоти чопӣ

Содирот ва воридоти маҳсулоти чопӣ аз ҷониби ношир, корхонаи полиграфӣ ва фурӯши маҳсулоти чопӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд.

## БОБИ 5. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

### Моддаи 20. Тартиби баррасии баҳсҳо оид ба фаъолияти поширӣ ва полиграфӣ

Баҳсҳо вобаста ба фаъолияти поширӣ ва полиграфӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳал карда мешаванд.

**Моддаи 21. Ҷавобгарӣбарои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкурбо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 22. Дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи табъу нашр»**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 1993 «Дар бораи табъу нашр» (Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1994, № 1, мод. 28; Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.1996, № 3, мод. 48; с. 1997, № 9, мод. 117; с. 1999, № 12, мод. 329; с. 2002, №11, мод.726; с. 2004, №5, мод. 338; с. 2005, №12, мод.656) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Моддаи 23. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.